*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, (734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ,1/2)*

**ТАҚРИЗ**

***ба автореферати диссертатсияи Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бозори фуруши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)***

Рушди иқтисоди кишвар аз бунёди иқтидорҳои нави истеҳсоли қувваи барқ вобастагии калон дорад. Имрӯз ба ҳама маълум аст, ки норасоии нерӯи барқ яке аз монеаҳои асосии рушди иқтисодиву иҷтимоии баъзе аз кишварҳо гаштааст, ки дар ин миён кишвари мо низ қарор дорад, ки айни замон дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мардум мушкилоти зиёд эҷод мекунад.

Соҳаи энергетика яке аз соҳаҳои калидӣ ба ҳисоб рафта ба истеҳсол ва фуруши неруи барқ алоқаманд мебошад. Дар шароити рушди техникаю технология, гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ бозори фуруши барқ муҳимтарин ҷузъи иқтисодиёти кишвар маҳсуб меёбад. Имконоти бузурги энергетикӣ метавонадояндаи Тоҷикистонро нурафшон созад. Таъкид бояд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба дигар мамлакатҳои ҳамсоя соҳиби 55% захираҳои обӣ аст, ки аз ин неъмати худованд бояд оқилонаю сарфакорона истифода кард.

Аз ҳамин нуқтаи назар мавзӯи диссертатсионӣ ба яке аз мавзӯҳои рӯзмара маҳсуб ёфта, ба яке аз ҳадафҳои асосии стратегии кишвар ба дастовардани истиқлолияти энергетикӣ равона карда шудааст.

Муаллиф иброз медорад, ки дар раванди ташаккули бозори фурӯши барқ ҳамаи мамлакатҳои пасошуравӣ бо мушкилоти муайяне дучор гардиданд, чунки ин бозор аз дигар намудҳои бозор ба куллӣ тафовут дорад. Хусусиятҳои нерӯи барқ ҳамчун мол, шароити технологии истеҳсол ва истеъмоли он, ҳамчунин иқтисодиёти мамлакати

алоҳида асари хуро ба амсилаи бозори фурӯши барқ мегузоранд. Азбаски бозори фурӯши барқ бо моли абстрактӣ сарукор дорад, дар амалия бозори комили он дучор намеояд. Дар он намудҳои гуногуни маҳдудиятҳо ҷой доранд, ки ба ташаккули нархҳо дар асоси қоидаҳои бозори комил монеа мешаванд. Бинобар ин, ҳангоми ташаккули бозори фурӯши барқ таҳия намудани тарзҳои хосаи савдо зарур аст, ки хусусиятҳои истеҳсол ва истеъмоли нерӯи баркро ба ҳисоб гиранд (Саҳ.9).

Муаллиф зимни таҳлилҳо маълум карда аст, ки қарздориҳои кредитории ШСХК «Барқи Тоҷик» дар давраи солҳои 2015-2022 ҳамасола тамоюл ба афзоиш доранд. Дар ин маврид маблағи умумии онҳо дар санаи 1 январи соли 2022 нисбат ба ҳолати 1 январи соли 2015 ба андозаи 5,2 зиёд мебошад. Дар таркиби қарздориҳои кредитории ширкат вазни қиёсии бештарро қарздориҳои кӯтоҳмуҳлат ташкил медиҳанд, ки вазъи намудҳои алоҳидаи онҳо дар санаи 1 январи соли 2022 чунин аст: ҳисобҳо барои пардохти ҳаққи барқи фурӯхташуда – 5656542 ҳаз. сомонӣ (80,9%), ҳисобҳо барои пардохти таҷҳизот – 643451 ҳаз. сомонӣ (9,2%), ҳисобҳо барои пардохти корҳои сохтмонӣ – 365897 ҳаз. сомонӣ (5,2%), (Сах. 13) .

Дар маҷмӯъ бояд зикр кард, ки бо назардошти мулоҳизаҳои илман асосноки муҳақиқ, ба роҳ мондани таҳлил ва баррасии бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон автореферати диссертатсияи Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна мавриди тақризро ба тариқи мусбӣ арзёбӣ намоем.

Дар қатори он муваффақиятҳои автореферат баъзе эродҳо низ ҷой доранд ба монандӣ:

1. Дар қисмати назариявии автореферат мавқеъи муаллиф оиди бозори фуруши барқ кам ба назар мерасад, яъне ихтилофи назарҳои муаллиф дида намешавад;

2. Дар зербоби 1.3, ки сухан сари масъалаи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ меравад, бояд мушаххасан мавриди таҳлил қарор бигирад, то ин ки кадом таҷрибаи кишварҳо ба шароити кишвари мо хос мебошад ва кадом дастовардҳои пешқадами онро дар шароити ҷумҳурии мо амалӣ кардан ба мақсад мувофиқ ва имконпазир аст;

Дар умум автореферати диссертатсияи Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мебошад.

**Мудири кафедраи умумидонишгоҳии**
**назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**д.и.и., профессор** **Комилов А.Қ**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17**
**tel./Fax.:(992) 55-444-07-70**
**E-Mail.: Komilov82@list.ru**

**Имзои А. Қ. Комиловро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Э. Тавқиев**

22.08.23